«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи (Славянии)
Россия ва Тоҷикистон
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
__________ Иброхимзода ИР.
«06» 05 соли 2026

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**ба диссертатсияи Қаҳорзода Насимҷон Мазбут дар мавзуи «Шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ: масоили мубрами танзими меъёрию ҳуқуқӣ ва амалияи татбиқи он» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.9. Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Диссертатсияи** Қаҳорзода Насимҷон Мазбут дар мавзуи «Шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ: масоили мубрами танзими меъёрию ҳуқуқӣ ва амалияи татбиқи он» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.9. Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ, ки аз рӯйи он ба шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 7 январи соли 2022, №15/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мутобиқ мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ**. Ҳифзи судии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар низоми давлатдории муосир яке аз ҳадафҳои сиёсати ҳуқуқии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад.

Дастовардҳои ислоҳоти судию ҳуқуқӣ ва тағйиротҳои куллие, ки баҳри амалишавии адолати судӣ ва муқовимат бо ҷинояткорӣ дар Тоҷикистон татбиқ шуда истодаанд ҳадафҳои минбаъдаи рушди ҳуқуқро муайян карда, дурнамои инкишофи асосҳои адолати судӣ ва нақши онро дар ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон назаррас карданд. Бо вуҷуди тағйиротҳои куллӣ дар муқаррароти мурофиавии ҷиноятӣ оид ба пешбурди судии парвандаҳои ҷиноятӣ ва дар амалия риоя ва иҷрои шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ дучори мушкилиҳое гардидааст, ки ҳалли онҳо зарурати таҳқиқоти масъалаҳои назариявӣ ва амалияро ба миён меоранд. Талабот ба такмил дода шудани танзими ҳуқуқии муносибатҳои мурофиавии ҷиноятӣ, ки ба ҳалли қонунӣ, асоснок ва одилонаи парвандаҳои ҷиноятӣ аз ҷониби мақомоти судӣ бо иштироки бевоситаи тарафҳо муосидат мекунад, мубрамияти мавзуи таҳқиқотро нишон медиҳад.

Ҳарчанд қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2010 оғоз намуда, моҳияти башардӯстонаи меъёрҳои конститутсиониро идома дода, дар партави муқарраароти он дар баробари ҳуқуқ ба ҳимоя ва ҳуқуқ ба дастрас будани адолати судӣ як қатор кафолатҳои мурофиавиро пешбинӣ карда бошад ҳам, лекин масъалаҳои таъмини кафолатҳои ҳимояи судӣ то ҳол мавзуи баҳсҳои назариявиро ташкил дода, омилҳои маҳдудкунандаи амалишавии меъёрҳои ҳуқуқӣ (риоя, иҷро ва татбиқи меъёрҳо) дар амалияи судӣ пурра бартараф нашудаанд. Бинобар ин, таҳқиқоти мазкур амалишавии шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ, зарурати такмил додани асосҳои назариявии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ, меъёрҳои қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ, таҳкими қонуният ва таъмини адолатро дарбар гирифта, барои асоснок кардани ҳалли масъалаҳои мурофиавӣ ҳангоми баррасии судии парвандаи ҷиноятӣ ва таъмини кафолатҳои мурофиаи ҷиноятӣ, равона мешавад. Дар рисола хулоса ва пешниҳодҳо мантиқан саҳеҳ асоснок шуда, баҳри бартараф кардани мушкилоти мавҷуда тавсияҳои асоснок пешбарӣ мешавад, ки аҳаммияти назариявӣ, танзимии меъёрӣ ва амалӣ доранд.

Дар назарияи муосир ва сатҳи расмӣ таъкид мешавад, ки бинобар ҷой доштани ихтилофи баъзе аз меъёрҳои мурофиавӣ, нуқсонҳо дар матн ва мазмуни қоидаҳои мурофиавӣ, инчунин якхела ва дақиқ риоя, иҷро ва татбиқ нашудан ё нодурусту ғалат амалӣ шудани қоидаҳои муқарраркардаи қонунгузории миллӣ, ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои тарафҳо пурра таъмин намегардад ё тарафҳо дучори маҳдудиятҳои беасос мешаванд, ки барои воқеан таъмин гаштани принсипҳои конститутсионии ба ҳама дастрас будани ҳифзи судӣ, мубоҳиса ва баробарии тарафҳои муҳокимаи судӣ монеаҳои ҷиддӣ эҷод мекунад.

Таҳлили ҳуқуқии масъалаҳои номбаршуда, ки ба таъмини имкониятҳои иштироки тарафҳо дар баррасии судии парвандаи ҷиноятӣ, риоя дақиқи шартҳои умумии муҳокимаи судӣ, баргузории воқеии мурофиаи ошкоро ва бевосита, бо тарзи мубоҳисавӣ баррасӣ шудани парвандаҳои ҷиноятӣ нигаронида мешаванд, аҳаммияти муҳокимаи судии масъалаҳои мурофиавиро дар ҳалли қонунӣ, асоснок ва одилонаи ҳукм афзун намудааст.

Таҳқиқоти илмии фарогири ин масъалаҳо имконият медиҳад, то ки баҳсҳои назариявӣ ҳалли дақиқ ва ниҳоии худро ёбанд, ки ба такмил додани роҳҳои татбиқи шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ мусоидат намуда, кафолатҳои конститутсионии ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои ҳар шахс тавассути ба амалбарории адолати судӣ воқеан амалӣ шаванд. Танзими ҳуқуқии масъалаҳои мурофиавӣ ба татбиқи дурусти меъёри ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳангоми пешбурди судии парвандаҳои ҷиноятӣ,

аз рӯйи принсипи мубоҳиса ва баробарии тарафҳо бо иштироки фаъоли тарафҳо шароит муҳайё мекунад, ки аҳаммияти муҳимми амалӣ дорад.

**Дараҷаи асоснокии гузориши илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудааст**. Дараҷаи асоснокии гузориши илмӣ, хулосаю пешниҳодҳои диссертатсияи Қаҳорзода Насимҷон Мазбут дар мавзуи «Шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ: масоили мубрами танзими меъёрию ҳуқуқӣ ва амалияи татбиқи он» баланд буда, натиҷаҳои он бар асоси таҳлили ҳамаҷонибаи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ, маводи тафтишотию судӣ ва адабиёти илмӣ ба даст оварда шудаанд.

Дар кори мазкур, бо истифода аз методҳои диалектикии умумиилмӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ, низомнокӣ, муқоисавӣ ва оморӣ, хусусиятҳои назариявӣ ва амалии риоя ва иҷрои шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ мавриди таҳқиқи амиқ қарор гирифта, масъалаҳои муҳимми мурофиаи судии ҷиноятӣ, аз ҷумла таснифоти шартҳои умумии муҳокимаи судӣ вобаста ба функсияҳои мурофиавӣ, ҳадаф, вазифа ва талаботи принсипҳои адолати судӣ, инчунин зарурати татбиқи онҳо дар марҳилаҳои судии пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ, таҳлил шудаанд.

Дар диссертатсия бори аввал таҳқиқоти мукаммали илмӣ оид ба танзими меъёрӣ ва амалияи татбиқи шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуда, таъмини мутобиқати татбиқшавии онҳо ба асосҳои конститутсионии адолати судӣ ва кафолатҳои мурофиаи ҷиноятӣ дар асоси таҳлили муқаррароти Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҷрибаи судӣ, таҷрибаи қонунгузории давлатҳои хориҷӣ баррасӣ гардидаанд.

Муаллиф бо далелҳои муътамади илмӣ ва таҷрибавӣ собит намудааст, ки дар қонунгузории мурофиавии ҷиноятии амалкунанда як қатор камбудиҳо ва норавшанӣ дар муқаррароти боби 32 КМҶ ҶТ ҷой доранд. Такмил додани меъёрҳои қонунгузории мурофиаи судии ҷиноятӣ, беҳтар намудани фаъолияти мақомоти судӣ дар самти ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, муайян кардани ҳадди имкониятҳои иштирокчиёни мурофиа ҳангоми муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ мазмуни тадқиқотро ташкил додааст.

Дар ин робита, дар рисола зарурати ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок гардидааст. Хусусан пешниҳод шудааст, ки мафҳумҳои калидӣ, истилоҳоти мурофиавӣ ва унсурҳои таркибии меъёрҳои мурофиавии ҷиноятӣ бо назардошти кафолатҳои конститутсионӣ, санадҳои байналхалқии эътирофкардаи Тоҷикистон, таҷрибаи муосири адлияи ҷиноятӣ дақиқтар муайян карда шаванд.

Ҳамзамон, дар кори мазкур консепсияи муосири рушди асосҳои адлияи ҷиноятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикисон ва Барномаи стратегии такмил

дода шудани қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон коркард ва пешбарӣ мешаванд, ки умумият ва ягонагии шартҳои муқарраршудаи пешбурди судии парвандаҳои ҷиноятиро дар тамоми марҳилаҳои мурофиаи ҷиноятӣ тақвият бахшида, пайвастагии мазмуни меъёрҳои ҳуқуқии моддӣ ва мурофиавиро дар баррасии судии парвандаҳои ҷиноятӣ таъмин менамояд.

Хулоса ва пешниҳодҳои муаллиф бар асоси таҳлили илмӣ ва маводи кофии амалии ҷамъшуда асоснок гардида, татбиқи онҳо метавонад ба баланд бардоштани самаранокии қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ, такмили амалияи судӣ ва таъмини ҳифзи боэътимоди ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандон мусоидат намояд.

**Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳияти натиҷаҳои гирифташуда**. Навоварии илмии таҳқиқоти мазкур, пеш аз ҳама, дар он ифода меёбад, ки бори аввал дар сатҳи илмӣ-ҳуқуқӣ масъалаҳои танзими ҳуқуқӣ ва амалияи татбиқи шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ дар Тоҷикистон мавриди таҳқиқи ҳамаҷониба ва бонизом қарор гирифтааст. Дар раванди омӯзиш, ба риоя ва иҷрои дақиқи шартҳои муҳокимаи судӣ баҳои ҳуқуқӣ дода шуда, татбиқи онҳо дар асоси таҳлили муфассали адабиёти илмӣ, амалияи судии миллӣ ва таҷрибаи қонунгузории давлатҳои пасошӯравӣ тахлил ва шарҳ дода шудаанд.

Бори аввал дар доираи ин таҳқиқот, бо такя ба далелҳои назариявӣ ва амалии боэътимод, зарурати такмили моддаҳои 34,35-2, 264, 282, 284-285, 292,410 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон исбот гардидааст. Муаллиф нишон медиҳад, ки барои баланд бардоштани дақиқии ҳуқуқӣ ва самаранокии татбиқи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ зарур аст, ки танзими меъёрии шартҳои умумии муҳокимаи судӣ ва истилоҳоти ҳуқуқии моддаҳои номбаршуда бознигарӣ шаванд.

Дар доираи рисола масъалаҳои зерин ҳамчун самтҳои асосии навоварии илмӣ мавриди таҳқиқи амиқ қарор гирифтаанд:

- дар асоси таҳлили васеи адабиёти илмӣ ва таҷрибаи судӣ татбиқи шартҳои умумии муҳокимаи судий парвандаҳои ҷиноятӣ дар моддаҳои 34, 35-2, 264, 282, 284-285, 292,410 КМҶ ҶТ пешбинӣ шуда муайян, таҳлил ва моҳияти онҳо ошкор карда шудаанд;
- қонунгузории мурофиавии ҷиноятии давлатҳои пасошӯравӣ дар самти татбиқи шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ бо муқоиса бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил шудааст;
- дар сатҳи илмии диссертатсионӣ исбот шудааст, ки такмили моддаҳои 34, 35-2, 264, 282, 284-285, 292,410 КМҶ ҶТ аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ асоснок ва мувофиқи мақсад мебошад;
- вобаста ба риоя иҷро ва татбиқи щартҳои умумии муҳокимаи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ пешниҳодҳои мушаххас ва илмию амалии муаллиф таҳия ва асоснок шудаанд.

Натиҷаҳои бадастомада дар нуктаҳои барои ҳимоя пешниҳодшаванда ва дар хулосаҳои асосии таҳқиқот таҷассум ёфтаанд.

Онҳо метавонанд дар такмили меъёрҳои қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ оид ба татбиқи шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ, инчунин дар фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ ва омӯзиши илмии ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ васеъ истифода шаванд.

Саҳеҳияти натиҷаҳои таҳқиқот бо истифода аз маҷмӯи методҳои муосири илмӣ, аз ҷумла таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ, низомнокӣ ва таҳлили оморӣ таъмин гардидааст. Дар раванди таҳқиқ маълумоти оморӣ оид ба ҷиноятҳои солҳои 2015-2025, маводи воқеии тафтишотӣ ва судӣ истифода шудаанд, ки ба баланд шудани сатҳи боэътимодии хулосаҳо ва асоснокии натиҷаҳо мусоидат менамоянд.

Хулосаҳои илмии муаллиф бар пояи таҳлили ҳамаҷонибаи назариявӣ ва таҷрибаи ҳуқуқтатбиқкунӣ асос ёфта, далелҳои дар рисола овардашуда аз ҷиҳати илмӣ ва амалӣ пурра боэътимод ва асоснок мебошанд.

Ҳамин тариқ, навоварии илмӣ ва саҳеҳияти натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур дорои заминаи устувори назариявӣ ва амалии илмӣ буда, ба рушди минбаъдаи илми мурофиаи судии ҷиноятӣ, такмили қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ дар самти ҳифзи судии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии кормандони мақомоти ҳокимияти судӣ мусоидат менамояд.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур саҳми муҳим дар рушди назарияи мурофиаи судии ҷиноятӣ, бахусус дар самти омӯзиши шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ доранд. Дар ин рисола бори аввал дар сатҳи илмӣ-ҳуқуқӣ масъалаҳои мубрами вобаста ба танзими ҳуқуқӣ ва амалияи татбиқи шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври мукаммал ва комплексӣ мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Дар натиҷа, мазмуни меъёрии моддаҳои 34, 35-2, 264, 282, 284-285, 292, 410 КМҶ ҶТ дақиқ карда шуда ба такмил дода шудани онҳо тавсияҳои илман асоснок пешбарӣ мешавад, ки ин ба рушди минбаъдаи таҳқиқоти илмӣ дар ин самт заминаи назариявӣ фароҳам меорад.

Аз ҷиҳати амалӣ, натиҷаҳои бадастомада метавонанд барои такмили фаъолияти ҳуқуқэҷодкунанда ва ҳуқуқтатбиқкунанда аҳаммияти калон дошта бошанд. Пешниҳодҳои мушаххаси муаллиф оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба моддаҳои 34,35-2, 264, 282, 284-285, 292,410 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба баланд бардоштани мазмуни дақиқии ҳуқуқии меъёрҳои мурофиавии ҷиноятӣ ва таъмини ягонагии амалияи судӣ мусоидат мекунанд.

Аз дидгоҳи иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, татбиқи дурусти натиҷаҳои таҳқиқот ба таҳкими ҳифзи судии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд аз ғайриқонунӣ ва беасос таъқиб ва маҳкум кардан, баланд бардоштани эътимоди шаҳрвандон ба қонун ва мақомоти ҳокимият давлатӣ, инчунин ба паст шудани сатҳи вайронкунии қонун дар ин соҳа мусоидат мекунад.

Ҳамин тавр, натиҷаҳои диссертатсия дорои аҳаммияти фарогири илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мебошанд. Онҳо метавонанд барои рушди устувори ҷомеа ва давлат, таҳкими қонуният ва адолати иҷтимоӣ, инчунин баланд бардоштани самаранокии сиёсати ҳуқуқӣ ва адлияи ҷиноятии миллӣ дар шароити афзоиши нақши кафолати хифзи судӣ дар ҳаёти иқтисодию иҷтимоии мамлакат, саҳми назаррас гузоранд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ.** Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо истифода аз маҷмӯи васеи методҳои илмии санҷидашуда таъмин гардидааст. Дар раванди таҳқиқ усулҳои муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ, мантиқи шаклӣ, низомнокӣ ва таҳлили оморӣ ба таври мақсаднок ва пайваста истифода шудаанд. Муаллиф дар асоси маълумоти воқеии тафтишотию судӣ, маълумоти омории мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, инчунин таҷрибаи ҳуқуқтатбиқкунии солҳои 2015-2025, таҳқиқоти худро анҷом додааст, ки ин заминаи боэътимоди эмпирикиро барои натиҷаҳо ва хулосаҳо фароҳам овардааст.

Дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои бадастомада бо такя ба манбаъҳои боэътимоди илмӣ ва таҷрибавӣ таъмин шудааст. Дар ин замина адабиёти илмии ватанӣ ва хориҷӣ, қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунгузории давлатҳои хориҷӣ, инчунин маводҳои парвандаҳои воқеии ҷиноятӣ мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Омӯзиши амиқ ва муқоисавии ин манбаъҳо имкон додааст, ки натиҷаҳо бо далелҳои воқеӣ ва меъёрҳои ҳуқуқӣ тасдиқ гарданд ва аз ҷиҳати илмӣ ва амалии худ комилан боэътимод бошанд.

Асоснокии илмии натиҷаҳо дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф бо истифода аз таҳлили ҳамаҷонибаи назариявӣ ва таҷрибавӣ пешниҳодҳои мушаххаси назариявию амалиро барои такмили қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ва баланд бардоштани самаранокии амалияи татбиқи он таҳия намудааст. Ҳар як хулоса ва тавсияи муаллиф бо далелҳои илмӣ, таҳлили мантиқӣ ва таҷрибаи воқеии судию тафтишотӣ асоснок гардидааст, ки имкони татбиқи онҳоро дар амалия пурра таъмин мекунад.

Ҳамин тавр, натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур бо дараҷаи баланди эътимоднокӣ, асоснокии илмӣ ва дурустии амалӣ фарқ мекунанд. Онҳо барои истифода дар фаъолияти илмӣ, ҳуқуқэҷодкунӣ, ҳуқуқтатбиқкунӣ ва раванди таълим мувофиқ буда, метавонанд ба таҳкими асосҳои назариявӣ ва амалии ҳифзи судии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар тамоми марҳилаҳои пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ мусоидат намоянд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ.** Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ Қаҳорзода Насимҷон Мазбут дар таҳқиқоти мазкур бо сатҳи баланди навоварии илмӣ, масъалагузории назариявӣ ва услуби таҳлили илмӣ пурра тасдиқ мегардад. Ҳамаи нуқтаҳои асосии илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод

шудаанд, аз ҷониби худи муаллиф мустақилона таҳия, коркард ва бо далелҳои илмӣ асоснок карда шудаанд.

Саҳми шахсии муаллиф пеш аз ҳама дар таҳияи пешниҳодҳои мушаххас оид ба такмили моддаҳои 34,35-2, 264, 282, 284-285, 292, 410 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таснифоти шартҳои умумии муҳокимаи судӣ вобаста ба марҳилаҳои мурофиаи ҷиноятӣ, кафолат ва принсипҳои мурофиавии ҷиноятӣ, таҳияи тавсияҳои назариявию амалии ҳуқуқӣ барои такмил додани қонунгузории мурофиавии ҷиноятии миллӣ ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти ҳокимияти судӣ ифода меёбад.

Илова бар ин, саҳми шахсии муаллиф дар нашри мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, инчунин иштирок дар таҳияи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва пешниҳоди таклифҳо оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунгузории мурофиавии ҷиноятии ватанӣ инъикос ёфтааст. Ин фаъолиятҳо арзиши амалии натиҷаҳои таҳқиқотро боз ҳам баландтар намуда, саҳми шахсии довталабро дар рушди илми ҳуқуқи мурофиаи судии ҷиноятӣ ва такмили қонунгузории милли возеҳ нишон медиҳанд.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти мазкур дар 55 мақолаҳои илмӣ инъикос гардида, ба баррасии паҳлӯҳои гуногуни танзими ҳуқуқӣ ва амалияи татбиқи шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ бахшида шудаанд. Аз ҷумла, 18 мақола дар маҷаллаҳои илмие нашр гардидаанд, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои интишор тавсия шудаанд. Дар ин нашрияҳо натиҷаҳои калидӣ, хулосаҳои илмӣ ва тавсияҳои пешниҳодкардаи унвонҷӯ ба таври мушаххас ва возеҳ баён ёфтаанд.

Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 - июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Дар муқаддимаи диссертатсия аҳаммияти илмӣ ва амалии мавзуъ бо далелҳои муътамад ва таҳлили воқеӣ асоснок гардидааст. Дар ин бахш сатҳи таҳқиқи мавзуъ дар адабиёти илмӣ арзёбӣ шуда, зарурати омӯзиши минбаъдаи он дар шароити ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон до да шудааст.

Ҳамзамон, дар муқаддима мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, объект ва предмети омӯзиш, инчунин асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот ба таври дақиқ муайян гардидаанд. Муаллиф заминаҳои эмпирикии таҳқиқотро бо такя ба маводи воқеии судӣ, тафтишотӣ ва оморӣ нишон дода, унсурҳои асосии навоварии илмии мавзуро бо далелҳои назариявию амалии муътамад ифода кардааст. Нақша ва сохтори диссертатсия тавре таҳия шудаанд, ки маҷмӯи масъалаҳои калидӣ ва

зарурии марбут ба ҳалли мавзуи таҳқиқшавандаро дар бар гирифта пайдарҳамии мантиқӣ ва мутобиқати дохилии қисмҳои онро таъмин менамоянд.

**Сохтори рисолаи илмӣ** бо назардошти мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, аз номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, панҷ боб, ҳабдаҳ зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) ва феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ иборатбуда, ҳаҷми умумии диссертатсия 450 саҳифаро дар бар мегирад.

Боби якум – **«Асосҳои назариявию ҳуқуқии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** се зербобро дар бар мегирад, ки ба таҳқиқоти асосҳои назариявию ҳуқуқии ташаккулёбии қоидаву шартҳои баргузории мурофиа бахшида шуда, дар натиҷаи омӯзиши адабиёти соҳа, таҳлили қонунгузории миллӣ хусусияти хоси мурофиаи судӣ бо пайгирии давраҳои ташаккулёбӣ таҳлил карда шудааст.

Муаллиф манбаъҳои таърихии пайдоиш ва ташаккулёбии қоидаҳои мурофиавиро, аз ҷумла табиати иҷтимоиву ҳуқуқии қоидаҳои муҳокимаи судиро мавриди таҳлил ва муқоиса қарор додааст. Ӯ асоснок мекунад, ки муҳокимаи судӣ моҳияти иҷтимоӣ, расмӣ ва ҳуқуқӣ дошта, ҷузъи муҳимми фаъолияти мақомоти ҳокимияти судӣ (давлатӣ) мебошад, ки асос, тартиб, қоида ва шартҳои пешбурди онро дар сатҳи меъёрӣ (ҳатмӣ) давлат муқаррар мекунад ва аз номи давлат амалӣ мешавад. Шартҳои умумии муҳокимаи судӣ дар асоси принсипҳои конститутсионии адолати судӣ (ғояҳои роҳбарикунанда) муқаррар шудааст, ки мазмун ва моҳияти мурофиаи судӣ, ҳадаф ва вазифаҳои амалишавии онро муайян кардааст.

Дар доираи боби мазкур муаллиф муҳокимаи судиро ҳамчун шакли маъмул ва марказии фаъолияти мурофиавии суд, ки бо тартиби муайяни аз тарафи мақомоти олии қонунгузор муқаррар шудааст, дар таносуби “пешбурди судӣ”, “марҳилаи судӣ”,“маҷлиси судӣ”, “баррасии судӣ”, “дида баромадан ва ҳалли парвандаи ҷиноятӣ” ва “мурофиаи судии парвандаи ҷиноятӣ” таҳлил карда, афзалияти “муҳокимаи судиро” ҳамчун марҳилаи мустақили судӣ тавзеҳ медиҳад. Мутобиқати шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ ба асосҳои конститутсионии адолати судӣ, ягонагӣ, умумият ва пайвастагии онҳо бо ҳадафҳои мурофиаи ҷиноятӣ таҳлил шудааст.

Дар натиҷаи таҳлили муқоисавӣ муаллиф ба хулоса меояд, ки асосҳои конститутсионии арзиши олии инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ таҳкурсии меъёрҳои мурофиавии ҷиноятӣ, аз ҷумла шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ мебошанд, ки дар амал ҷорӣ гаштани онҳоро меъёрҳои мурофиавӣ дар мазмуну талаботҳои мурофиавӣ таҷассум мекунад. Дар қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ пешбинӣ шудани

шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ барои бевосита амалӣ гаштани асосҳои конститутсионии адолати судӣ шароит муҳайё мекунанд. Бо вуҷуди ин, муносибатҳои ҷамъиятӣ дар шароити муосир дар соҳаи амалишавии асосҳои конститутсионии адолати судӣ ҳам дучори муаммоҳои амалияи татбиқи ҳуқуқ ва таъмини кафолатҳои мурофиавӣ гардид, ки ҳалли онҳо вазифаҳои навро ногузир пеш оварданд ва иҷроиши онҳо зарурати баланд бардоштани сатҳи дониши ҳуқуқӣ ва такмил додани қоидаҳои пешбурди судии парвандаҳои ҷиноятиро тақозо доранд.

Дар анҷом муаллиф хулоса мекунад, ки *муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятӣ* дар таркиби фаъолияти мурофиаи судии ҷиноятӣ марҳилаи навбатӣ ва мустақил мебошад, ки натиҷаи баргузории марҳилаҳои тосудиро бо баргузории маҷлиси ошкорои судӣ бо иштироки тарафҳо ҷамъбаст намуда, ҳалли масъалаи асосии пешбурди парвандаи ҷиноятиро муқаррар менамояд. Дар айни замон, марҳилаи муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятӣ бо шартҳои умумии баргузоршавӣ, сохтори таркибӣ, пайдарҳамии амалҳои мурофиавӣ ва мавзуи баррасиии судӣ назар ба маҷлисҳои дигари суд бо моҳиятан баррасӣ шудани парвандаи ҷиноятӣ хусусиятҳои ба худ хосро доро аст, ки ба ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд аз беасос айбдор ва маҳкум кардан, ғайриқонунӣ маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои ӯ равона мешавад.

Боби дуюми рисола ба **“Ташаккулёбӣ, моҳият, аҳаммият ва нишонаҳои шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ”** бахшида шуда, дар доираи он заминаҳои иҷтимоии пайдоиш ва марҳилаҳои рушди қоидаҳои мурофиавӣ ва шартҳои умумии муҳокимаи судӣ мавриди таҳқиқот қарор дода шудааст. Дар натиҷаи омузиши сарчашмаҳои таърихиву ҳуқуқӣ муайян шудааст, ки аввалин нишонаҳои мурофиа дар шакли даъвогӣ ва ё хусусии (фардӣ), тибқи урфу одатҳои авлодӣ, мазҳабӣ, динӣ ба таври шифоҳӣ дар ҳаёти аксарияти мардуми Осиёи Миёна ҷорӣ ва татбиқ шуда, ин қоидаҳои мурофиа марҳилаҳои гуногуни таърихӣ ва санҷишҳои иҷтимоиву сиёсиро паси сар намуда, аз ҷиҳати моҳият ва мазмун тағйир ёфтаанд ва ғанӣ гаштаанд, меъёр ва ҳудуди амалишавии онҳо васеъ шудааст, лекин онҳо аҳаммият ва муҳиммияти худро дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ, умуман дар таъмини осоиштагии ҳаёти иҷтимоӣ тасдиқ кардаанд.

Муҳаққиқ раванди амалишавии шарту шароити баргузории мурофиаро, ки ифодаи натиҷаҳои кушиш ва иродаи аҳли ҷомеа дар роҳи пешгирии беадолатӣ ва бенизомӣ, зулму шиканҷа, бемасъулиятӣ, худсарӣ, ҳифзи арзишҳои иҷтимоӣ ва фарҳангию маънавӣ мебошад, таҳлил намуда, ҷамъи қоидаҳои ибтидоии муҳокимаи судиро, ки ба меъёрҳои муосири мурофиавии судӣ таҳкурсӣ гузоштаанд маънидод намудааст.

Дар доираи ин боб муаллиф, инчунин мафҳуми шартҳои умумии муқараршудаи муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ ҳамчун ифодаи ҷамъи қоидаҳои мурофиавии ҷиноятӣ, уҳдадории давлат ва кафолати расмӣ таҳлил мешавад, ки аз талаботи принсипҳои мурофиаи ҷиноятӣ сарчашма гирифта, дар ягонагӣ мубоҳиса ва баробарии тарафҳо, ҳаққонӣ ва беғаразона ҷараён гирифтани маҷлиси судиро таъмин менамоянд, то ки барои беғаразона, одилона, ҳамаҷониба ва пурра тафтиш намудани ҳолатҳои парванда ба тарафҳои ҳимоя ва айбдоркунанда дар муҳокимаи судӣ шароити зарурӣ фароҳам оварда шавад.

Боби сеюми рисола ба **"Низоми шартҳои умумии муҳокимаи судӣ дар қонунгузории мурофиаи ҷиноятии Тоҷикистон ва таснифи онҳо"** бахшида шуда, муаллиф бо роҳи таснифоти шартҳои умумии муҳокимаи судӣ, сохтори такибии онро ба ҷузъ ва ё унсурҳои таркибии алоҳида (аз рӯйи хусусият, аҳаммият, мазмун, пайдарҳамӣ, пайвастагӣ, нишона, сифатҳои таъсиррасонӣ ба муносибати ҳуқуқӣ ва ғ.), лекин ба ҳам пайваста ва дар алоҳидагӣ ҷудо карда, пас ба алоқамандии онҳо дар ягонагӣ баҳои ҳуқуқӣ додааст. Тавассути таснифоти ҳуқуқии низоми шартҳои умумии муҳокимаи судӣ дар доираи ҳудуд ва меъёрҳои муқарраркардаи қонун, аз ибтидо то интиҳои муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ аҳаммият, мазмун ва *"умумияти"* ҳар як шарт (тобеияти судии парвандаҳои ҷиноятӣ; бевосита ва шифоҳӣ баргузор шудани муҳокимаи судӣ; ошкоро баргузор шудани муҳокимаи судӣ; таъғйирнопазирии ҳайати суд; ҳадди муҳокимаи судӣ; ҳалли масъалаи чораи пешгирӣ; тартиби баровардани таъинот ва қарор дар маҷлиси судӣ; тартиби маҷлиси суд; чораҳои таъсир расонидан барои риоя накардани тартибот дар маҷлиси судӣ; протоколи маҷлиси судӣ; баррасии эродҳо доир ба протоколи маҷлиси судӣ; раисикунанда дар маҷлиси суд ва диг.) муайян карда шуда, ҳалли асосноки масъалаҳои назариявӣ ва роҳҳои бартараф карда шудани мушкилоти дар амалияи судӣ ҷойдошта пешбарӣ шудааст.

Муаллиф асоснок мекунад, ки дар сохтори таркибии фаъолияти мурофиавии ҷиноятӣ (марҳилаҳои он) шартҳои умумии муҳокимаи судиро вобаста *ба доираи амалишавии онҳо* ба се гуруҳ ҷудо мешаванд: **а)** шартҳои умумии муҳокимаи судӣ зимни баргузории маҷлиси судӣ оид ба баррасии масъалаҳои алоҳидаи мурофиавӣ дар марҳилаҳои тосудӣ; **б)** шартҳои умумии муҳокимаи судӣ, ки *дар марҳилаи асосӣ* - муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятӣ зимни моҳиятан баррасӣ шудани парвандаи ҷиноятӣ дар суди марҳилаи аввал, ки тамоми шартҳои дар боби 32 КМҶ ҶТ номбаршуда бе истисно амал мекунанд; в) шартҳои умумии муҳокимаи

судӣ ҳангоми баргузории маҷлиси суд дар марҳилаҳои истисноии мурофиаи ҷиноятӣ.

Дар натиҷаи таҳлили қоидаҳои мурофиавӣ муаллиф барои воқеан таъмин шудани принсипи конститутсионии ҳифзи судӣ, ки тибқи он, хар шахс ҳуқуқ дорад талаб намояд, ки парвандаи ӯро суди босалоҳият, мустақил ва беғараз, ки тибқи қонун таъсис ёфтааст, баррасӣ намояд, пешниҳод кардааст қоидаҳои мурофиавии ҷиноятӣ оид ба ҳалли ҳамин масъалаҳо такмил дода шаванд.

Боби чорум ба **“Масоили мубрами амалӣ шудани шартҳои умумии муҳокимаи судӣ”** бахшида шуда, дар доираи он мавқеи тарафи айбдоркунанда ва ҳимоя дар муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Муаллиф мавқеъ ва имкониятҳои мурофиавии тарафи айбдоркунанда ва ҳимояро дар раванди исбот дар марҳилаҳои судӣ ва тосудӣ (то моҳиятан баррасӣ шудани парвандаи ҷиноятӣ) таҳлил намуда, ба хулоса омадааст, ки фаҳмиши ҳадди имконпазири баробарии мурофиавии тарафҳо ҳангоми пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ бо принсипҳои мурофиаи ҷиноятӣ бояд алоқаманд ва мутобиқ дониста шаванд. Муаллиф баъзе аз маҳдудиятҳои мавҷударо мавриди таҳлили ҳуқуқӣ қарор дода, мутобиқати онҳоро бо меъёрҳои конститутсионии адолати судӣ муайян кардааст.

Муаллиф дар натиҷаи таҳқиқоти илмӣ пешниҳодҳои худро асоснок мекунад, ки шартҳои умумии муҳокимаи судӣ, аз ҷумла мубоҳиса ва баробарии тарафҳо на танҳо дар марҳилаҳои судӣ (маҷлиси суди марҳилаи аввал оид ба моҳиятан баррасӣ шудани парвандаи ҷиноятӣ, маҷлиси суди марҳилаи кассатсионӣ ва назоратӣ, аз нав оғоз шудани мурофиа бинобар ошкор гаштани ҳолатҳои нав), балки дар марҳилаҳои тосудӣ, ҳангоми ҳалли масъалаҳои мурофиавӣ дар маҷлиси судӣ бо иштироки тарафҳо бо салоҳдиди суд таъмин карда шавад, ки ба татбиқ ва риояи талаботи м.м. 19, 88 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва м.м. 20-22, 277 КМҶ ҶТ воқеан таъмин гардад.

Дар доираи боби мазкур, инчунин масъалаҳои а) мустақилияти суд ҳамчун шохаи мустақили ҳокимияти давлатӣ ё мустақилияти расмӣ (ҳокимияти давлатӣ), ки расман дахолати мақомоти қонунбарор ва иҷроияро ба фаъолияти судҳо истисно мекунад; б) мустақилияти мурофиавӣ, ки дар ҳалли масъалаҳо ва қабули қарори мурофиавӣ дахолати ҳама мақомоте, ки ба низоми судӣ дохил намешавад, манъ мекунад; в) муайян кардани ҳадду ҳудуди мустақилияти мурофиавии суд, судя новобаста аз мавқеи тарафҳо ҳангоми баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ; г) муайян кардани ҳадди муҳокимаи судии масъалаҳои марбут ба парвандаи

ҷиноятӣ таҳлил гашта, тавсияҳои асоснок баҳри тақвияти салоҳият ва мустақилияти суд пешбарӣ мешаванд.

Боби панҷум ба **«Муаммои назария ва амалияи риоя ва иҷрои шартҳои умумии муҳокимаи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ»** бахшида шуда, дар доираи он масъалаҳои боздоштан ва мавқуф гузоштани пешбурди судии парвандаҳои ҷиноятӣ, шартҳои ба тафтиши иловагӣ баргардонидани парвандаҳои ҷиноятӣ, расмиёти натиҷаҳои муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ дар низоми шартҳои умумии муҳокимаи судӣ таҳлил мешаванд.

Муаллиф пешниҳод дорад, ки дар м.м.230, 265, 286 КМҶ ҶТ пешбинӣ гардад, ки ҳангоми қабули қарор дар бораи боздоштани пешбурди парвандаи ҷиноятӣ мақомоти пешбурди парвандаи ҷиноятӣ вазифадор аст, ки дар ҳамин қарор бекор карда шудан ё дароз карда шудани муҳлати ҳабси молу мулк, тақдири далелҳои шайъӣ ва имконияти ба манфиати ҷабрдида руёнидани товони зарарро аз ҳисоби фондҳои махсуси иҷтимоӣ инъикос намоянд; дар назария ва амалияи татбиқи ҳуқуқ вайронкунии қонунгузории мурофиавии ҷиноятиро ба вайронкунии "ҷиддӣ" ва ё "ҷиддӣ нестанд" чудо кардан мутобиқи вазифа, принсип, тайинот ва ҳадафи мурофиаи ҷиноятии ватанӣ нест. Дар амалия ва назария чунин муқаррарот ихтилофи меъёрҳои амалкунанда (м.9 КМҶ ҶТ) ва шарҳу эзоҳи пурихтилоф ва гуногуни қоидаҳои мурофиавии ҷиноятиро ба миён меорад, ки татбиқи дуруст ва дақиқи қонунро коҳиш медиҳад.

Таъкид мешавад, ки вайронкунии қонунгузории мурофиавии ҷиноятиро "ҷиддӣ" ифода кардан; дар доираи маҳдуд бо вайронкунии меъёрҳои алоҳида, аз ҷумла бо яктарафагӣ ва нопуррагии таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ, бо маҳрум ё маҳдуд кардани ҳуқуқу манфиатҳои иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ, бо таъмин нашудани кафолатҳои мурофиавӣ, бо баргузор нашудани амалҳои тафтишӣ, бо мавзуи исбот, бо риоя накардани принсипҳо ва расмиёти пешбурди судӣ вобаста кардан, ба хулосаи нодуруст ва ғалат оварда мерасонад.

Нуқтаи назари муаллиф оид ба мазмуни истилоҳоти "шакли мурофиавӣ", "талаботи мурофиавӣ", "ифодаи кафолати мурофиавӣ", "тартиби расмии мурофиавӣ" баён шуда, пешбарӣ шудааст, ки расмиёти санадҳои мурофиавии ҷиноятӣ инъикосгари бо тартиби муайянкардаи қонун баргузор шудани пешбурди парвандаи ҷиноятӣ, ифодакунандаи ҳалли қонунӣ, асоснок ва одилонаи тамоми масъалаҳои мурофиавӣ аст. Иҷрои тамоми амалҳои мурофиавии ҷиноятӣ, ҳалли тамоми масъалаҳои мурофиавии ҷиноятӣ, таҳия ва қабули тамоми санадҳои мурофиавии ҷиноятӣ ҳадаф ва вазифаҳои умумӣ ва ягона доранд. Санадҳои мурофиавии ҷиноятӣ раванди иҷрои вазифаҳои мурофиавӣ ва қонунӣ, асоснок ва одилона ҳал шудани масъалаҳои мурофиавии ҷиноятиро инъикос мекунанд. Дар фарҷом хулосаҳо ҷамъбаст шудаанд, ки санадҳои мурофиавии судӣ ифодакунандаи хулосаҳои расмии суд оид ба ҳалли масъалаҳои мурофиавии ҷиноятӣ мебошад, ки дар шакли муқарраркадаи

қонун тартиб дода шуда, ҷараён, мазмун ва натиҷаи амалҳои судӣ, инчунин хулосаи судро оид ба ҳалли ниҳоӣ ва расмии масъалаҳои мурофиавӣ ифода мекунанд.

Асоснок мешавад, ки ҳалли ҳамаи масъалаҳои мурофиавӣ, ғайр аз талаботи қонунӣ, асоснокӣ, бояд мутобиқ ба ҳадафи мурофиаи ҷиноятӣ одилона бошанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Қаҳорзода Насимҷон Мазбут дар мавзуи «Шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ: масоили мубрами назария, танзими меъёрию ҳуқуқӣ ва амалияи татбиқи он» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.9. Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ ба талаботи қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз 30 сентябри соли 2021, №7 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ**. Тахассуси илмии Қаҳорзода Насимҷон Мазбутба ихтисоси илмии дархостшаванда ихтисоси 5.5.9. Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ мувофиқат мекунад. Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ин ҷиҳат қобили дастгирӣ мебошад.

**Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия**. Новобаста аз дастоварду муваффақиятҳо ва пешниҳодҳои ҳадафмандона диссертатсияи мазкур аз норасоиҳо ва ғалатҳое, ки хусусияти ҷузъӣ доранд холӣ нест ва камубдиҳои ҷойдошта сифати баланди илмии диссертатсияро коста намегардонад. Ба инобат гирифтани онҳо дар таҳқиқоти ояндаи диссертант арзёбӣ мегарданд:

1. Дар боби аввали рисола муаллиф ба хулоса омадааст, ки мурофиаи ғоибонаи судӣ чун шакли фаъолияти суд оид ба муҳокимаи парвандаи ҷиноятӣ ҳам дар шаклӣ расмӣ ва ҳам мурофиавӣ дар амалия ва қонунгузории миллӣ вуҷуд надорад ва набояд амалӣ гардад, ки мухолифи ҳадаф, вазифаҳо ва принсипҳои адолати судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ аст. Лекин, дар меъёрҳои КМҶ ҶТ (м.м.248, 280, 282, 283) дар ғоибии яке аз иштирокчиёни мурофиаи судӣ имконияти баргузор шудани маҷлиси суд пешбинӣ шудааст, ки ихтилофи назарро ба миён меорад. Бинобар ин, андешаҳо ва мавқеи муаллиф оид ба ҳалли ин масъала зимни баррасии судии парвандаи ҷиноятӣ мебоист асоснок карда шаванд.

2. Дар рисола қайд шудааст, ки аз нуқтаи назари эҳтироми шаъну шарафи шахс ва арзиши олӣ эътироф гаштани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба мақсад мувофиқ аст, ки дар м.273 КМҶ ҶТ ба сифати ҳолате, ки зарурати маҷлиси пушидаи судиро ба миён меоранд, дархости айбдоршаванда, судшаванда, ҷабрдида, намояндаи қонунӣ ва хешовандони

наздики онҳо низ пешбинӣ карда шавад. Бо вуҷуди ин, хулосаи муаллиф дар мавриди масъалаи мазкур танҳо дар доираи як принсипи мурофиаи ҷиноятӣ ифода ёфтааст, ки ин сатҳи асосноккунии илмии онро коҳиш медиҳад. Муаллифро зарур мебуд ҳангоми пешниҳоди андешаҳои мухталифи муҳаққиқон онҳоро бо назардошти мазмун ба гурӯҳҳо ҷудо намуда, мавқеи шахсии худро нисбат ба ҳар як андеша баён мекард, то ки хулосаи илмии ӯ дорои арзиши таҳлилӣ ва эътимодбахш гардад. Барои равшанӣ андохтан ба асос ва ҳолатҳои номбаршуда андешаҳои асосноки муаллиф мебоист дар муқоиса бо амалияи судӣ мавриди муҳокима ва таҳлил қарор дода шаванд.

3. Дар зербоби дуюми боби чоруми рисола пешниҳод мешавад, ки ба аъзои оила, хешовандони наздики айбдоршаванда ва судшаванда дар давоми тамоми давраи тафтиши пешакӣ ва муҳокимаи судии парванда, ки ба тафтишот ва суд ёрии амалӣ расонидаанд, дар сурати зарурат инчунин баъд аз итмоми мурофиаи судӣ, дар вазъияти мавҷуд будани таҳдид ё хатар ё дар дигар вазъияти душвори ҳаётӣ қарордошта, андешидани чораҳои ҳимояи давлатӣ идома ё ёрии иҷтимоӣ кафолат дода шавад. Лекин, тартиб, асос ва мухлати кафолати ҳимояи давлатӣ нисбати онҳо муайян нашудааст, ки дар доираи танзими ҳуқуқӣ, ҳадаф ва вазифаҳои мурофиаи судии ҷиноятӣ бошанд.

Автореферати диссертатсия тибқи тартиби муқарраршуда барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.9. Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ, таҳия гардида мазмуни асосии кори таҳқиқро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои назаррасӣ илмӣ асоснок гардида, шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

**Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия**. Диссертатсияи Қаҳорзода Насимҷон Мазбут дар мавзуи «Шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ: масоили мубрами танзими меъёрию ҳуқуқӣ ва амалияи татбиқи он» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.9. Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад.

Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.9. Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ сазовор мебошад.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби до дани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26

июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.Диссертатсия ва автореферат дар семинари ғайринавбатии васеи илмӣ - назариявӣ кафедраи ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи (Славянии) Россия Тоҷикистон баррасӣ шудааст. Суратҷаласаи семинари ғайринавбатии васеи илмӣ-назариявӣ таҳти № 3 аз 1 майи соли 2026.

Тақризи муассисаи пешбар аз ҷониби Ҳамроев Шуҳрат Садирович, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, декани факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон, дар семинари ғайринавбатии васеи илмӣ - назариявӣ кафедра баррасӣ, муҳокима ва ҷонибдорӣ шудааст. Дар семинари ғайринавбатии васеи илмӣ - назариявӣ кафедра аз 10 нафар иштирок доштанд: 10 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 10, «зид» - нест, «бетараф» - нест. Суратҷаласаи ғайринавбатии кафедра таҳти № 3 аз 1 майи соли 2026.

**Раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ:**
И.в. мудири кафедраи мурофиаи ҷиноятӣ ва криминалистикаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент **Назарзода Р.Г.**

**Ташхисгар:**
Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи мурофиаи ҷиноятӣ ва криминалистикаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон Ҳамроев Ш.С.

**Котиби ҷаласа:**
Муаллимаи кафедраи мурофиаи ҷиноятӣ ва криминалистикаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон Желтова В.А.

**Имзоҳои Назарзода Р.Г., Хамроев Ш.С. ва Желтова В.А-ро тасдиқ менамоям:**
Сардори раёсати кадрҳои Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон **Исмоилова М.Н.**

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯч. Мирзо Турсунзода, 30.
Тел.: + (992) 37 221-35-50;
Факс: + (992) 37 221-35-50
E-mail: yurfac.rtsu@mail.ru; nauka-rtsu@rambler.ru.
«04» 05 соли 2026.